**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН**
**МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ РЕСПУБЛИКА**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АДАБИЁТ БАРОИ СИНФИ V

**Тошканд 2015**

## Мактуби эзоҳӣ

Дар синфҳои ибтидоии мактабҳои миёна мазмуни донишҳои аз забони модарӣ омӯзонидашаванда мавофиқи нақшаи таълимӣ доир ба намудҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони тоҷикӣ, тағйирёбии калимаҳо ва дар ҷумлаҳо ба ҳам пайваст шудани калимаҳо, таркиби калима, тартиб додани ҷумла, қоидаҳои беғалат навиштан ва дуруст гузоштани аломатҳои китобиро дар бар мегирад. Инчунин, аз синфи ибтидоӣ сар карда омӯзиш дар доираи Ташкилоти тараққиёт ва ҳамкориҳои иқтисодӣ (англисӣ–Organisation for Economic Cooperation and Development (OECD)), Барномаи байналмилалии баҳогузории донишомӯзон (англисӣ–Programme for International Stғdent Assessment, PISA) ва мониторинги байналмилалии сифати таълими математика ва фанҳои табиӣ дар мактаб, ки аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии баҳогузории комёбиҳои таълим (англисӣ–Trends in Mathematics and Science Stғdy,TIMSS) ташкил ёфтааст, барои инкишофи саводомӯзии шогирдон дорои аҳамияти муҳим аст.

Мақсади асосии омӯзонидани забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ (синфҳои I - IV) ба камол расонидани шахси фикри худро шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст ва равон баёнкунанда, мустақил ва эҷодкорона фикркунанда, фикри дигаронро дарккунанда, маданияти нутқ ва мулоқотро донанда мебошад.

Вазифаи асосии таълими забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ: доштани фикри шахсии донишомӯз, дарк намудани фикри дигарон, инкишоф додани босаводона баён намудани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ба донишомӯзон дониши доир ба грамматика (доир ба мафҳуми фонетика, лексикология, таркиби калима, сохти калима, морфология, синтаксис, имлои навишт, аломатҳои китобӣ, услубҳои нутқ)-ро инкишоф додан ва аз доираи васеъи забони модарӣ истифода бурда, равон, бехато фикри худро баён намуданро омӯзонидан.

Дар таълими ибтидоӣ – барои таъмини саводомӯзии донишомӯзон, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо ба меъёрҳои адабии нутқ риоя кардан омӯзонида мешавад.

Даври саводхонӣ аз ибтидои моҳи сентябр оғоз ёфта, то охири декабр, яъне ду чоряки соли таҳсилро фаро мегирад. Ҷараёни омӯхтани савод аз тайёрӣ бо Иди Алифбо ташкил меёбад. Таълими то алифбо ва даври алифбои саводомӯзӣ бо усули овозии таҳлилию таркибӣ (аналитикию синтетикӣ) амалӣ мешавад. Мувофиқи тарзи омӯзонидани таҳлилию таркибӣ аз матн ҷумла, аз ҷумла калима, аз калима ҳиҷо ва овоз, ёки баръакс овоз > ҳиҷо > калима > ҷумла> матн бо алоқаҳои узвӣ аз яклухт ба қисмҳо, аз қисмҳо ба яклухт нигоҳ карда таҳлил карда мешавад. Ин бошад барои дар асоси мезонҳои дидактикӣ фаъолияти фикрии

бошууронаю мантиқдори донишомӯзонро инкишоф додан имконият ба вуҷуд меорад.

Аз рӯзҳои аввали саводомӯзӣ дар давраи таълими ибтидоӣ ба инкишофи нутқи донишомӯзон, яъне аз ҳисоби калимаҳои нав бой гардонидани фонди луғавии вай эътибори алоҳида дода мешавад.

Забони модарӣ барои инкишоф додани малакаи озодона фикр намудан, фикри дигаронро дарк кардан, фикрҳои худро бо тарзи даҳонӣ ё хаттӣ баён карда тавонистан, бо одамон мулоқоти озодона доштани донишомӯзон хизмат мекунад.

Омӯзиши ҳусни хат. Вазифаи асосӣ аз омӯзонидани ҳусни хат такмилдиҳии бехато ва зебо навиштани ҳарф, калима, ҷумла ва матн аст. Дар ҷараёни ёд гирифтани навиштан донишомӯз шакли ҳарф, калима ва ҷумларо аз китоб ё тахтаи синф бехато ва ба қоидаҳои ҳусни хат риоя намуда кӯчонад, навиштаҳояшро санҷида, хатоҳо ва камбудиҳои графикии худро бо роҳбарии омӯзгор бояд худаш ислоҳ намояд. Дар ин давра фаъолияти шунида навиштан ҳам такмил меёбад.

Аз нимсолаи дуюми соли хониши синфи 1 сар карда, малакаи ҳусни хат такмил дода мешавад. Ҳамчунин дар синфҳои 2-4 бошад дар ҳар дарси забони модарӣ 5-8 дақиқа барои ҳусни хат ҷудо карда мешавад.

Натиҷаҳои фаъолияти донишомӯз ва талаботи азхудкунӣ:

– Фаъолияти хешро дар рафти дарс намоён карда метавонад.

– Бо китоби дарси кор карда метавонад.

– Мавҳуми нутқи даҳонӣ ва хаттиро бо мисолҳо фарқ карда метавонад.

– Бо маълумотҳои дахлдор чӣ будани калима, ҳиҷоро медонад.

– Овозҳои садонок ва ҳамсадоро сарфаҳм меравад, инчунин ҳиҷо, калима, ҷумларо фарқ карда метавонад.

– Мавҳуми ҷумларо медонад.

– Мазмуни мавзӯъҳои омӯхташаванда, қоидаҳои зарурӣ, машқ ва талабҳои онро бо тартиб иҷро менамояд ва фарқ карда метавонад.

– Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои мустақилмаъноро муайян карда метавонад ва аз рӯйи намуна аз ӯҳдаи калимаинтихобкунӣ мебарояд.

–Аз рӯйи расм ва мазмуни он матни ҳаҷман хурди мантиқдор тартиб дода метавонад.

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ V
*(ҳафтае 3 соат, ҳамагӣ   102 соат)*

## ЗАБОН - МУҲИМТАРИН ВОСИТАИ АЛОҚАИ ОДАМОН
**(1 соат)**

## ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВОДИ ОМӮХТАШУДАИ СИНФҲОИ I–IV (2 соат)

Ҳиссаи маънодори калима. Калимаҳои ҳамреша. Таркиби калима. Ҳиссаҳои нутқ: исм, сифат, феъл, ибора, ҷумла ва навъҳои он, аъзоҳои ҷумла ва сараъзоҳои ҷумла ва имлои онҳо. Такрорӣ

## НАҲВ ВА АЛОМАТИ КИТОБАТ (13 соат)

Ибора. Қоидаи ташкили ибора. Калимаи асосӣ ва тобеъ дар таркиби ибора. Алоқаи калимаи тобеъ бо калимаи асосӣ аз ҷиҳати маънӣ ва грамматикӣ. Воситаҳои алоқаи грамматикии ташкили ибора. Таҳлили ибора.

Ҷумла. Ҷумлаҳои содда. Алоқаи грамматикии калимаҳо дар ҷумла. Хелҳои ҷумла аз ҷиҳати маънӣ: ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ ва амрӣ. Аломатҳои китобатии хоси ин ҷумлаҳо.

Аъзоҳои ҷумла. Сараъзоҳои ҷумла: мубтадо ва хабар. Аъзоҳои пайрави ҷумла: пуркунанда, муайянкунанда, ҳол.

Ҷумлаҳои хуллас ва тафсилӣ. Ҷумлаҳое, ки як сараъзо доранд. Навъҳои ҷумлаҳои содда.

Ҷумлаҳои чидааъзо. Ду роҳи алоқаи аъзоҳои чида: бе пайвандак ва ба воситаи пайвандак. Корбурди аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои чидааъзо.

Таҳлили грамматикии ҷумлаҳои содда. Такрори ҷумлаҳои содда.

Муколама. Тарзи навишти муколама ва истифодаи аломати тире дар он. Такрори боби (наҳв) синтаксис ва аломати китобат.

## ОВОЗШИНОСӢ.ТАЛАФФУЗИ АДАБӢ. ИМЛО (22 соат)

Маълумот**и мухтасар доир ба овозшиносӣ, талаффузи адабӣ ва имло.** Ҳосил шудани овозҳо. Овоз ва ҳарф. Овозҳои нутқ ва ҳарфҳо. Алифбо. Таърихи табдили алифбо (алифбои арабӣ, лотинӣ ва кириллӣ) дар забони тоҷикӣ. Усули ҷойгузинии аломатҳои алифбои забони тоҷикӣ. Ҳарфҳои ётбарсар ва хусуситҳои онҳо. Мавриди истифодаи ҳарфи «ъ». Фарқи корбасти он дар талаффуз ва навишт. Махсуси калимаҳои иқтибосӣ (арабӣ ва ӯзбекӣ) будани овози «қ».

Овозҳои садонок ва ҳамсадо, хелҳои онҳо. Хусусияти ин овозҳо ва фарқи онҳо аз ҳамдигар. Таснифи овозҳои ҳамсадо. Имлои онҳо. Ҳамсадоҳои ҷарангнок ва беҷаранг. Ҳамсадои ҷуфт д-г, б-п, в-ф, ч-ҷ, г-к, з-с талаффуз ва навишти онҳо. Табдили овозҳо дар нутқ ва навишти дурусти онҳо. Ташдид, аҳамият ва имлои он. Имлои садонокҳо ва ҳамсадоҳо.

Ҳиҷо. Ҳиҷои кушода ва баста. Қоидаи кӯчонидани ҳиҷои калима аз сатр ба сатр.

Зада. Мавриди асосии истифодаи зада дар забони тоҷикӣ. Корбурди зада дар пасванди -ӣ. Набудани зада дар «ӣ»-и изофат. Таҳлили фонетикӣ.

## КАЛИМА (11 соат)

Калима ва маънои луғавии он. Калимаҳои якмаъно ва сермаъно. Маънои аслӣ ва маҷозии калима. Калимаҳои ҳаммаъно, зидмаъно, ҳамшакл ва наздикталаффуз. Сарвати луғавии забони тоҷикӣ. Истифодаи мавридшиносонаи калимаҳо дар нутқ (шифоҳӣ ва хаттӣ) навишторӣ ва гуфторӣ. Таҳлили луғавӣ. Такрори мавзӯи луғатшиносӣ.

## КАЛИМАСОЗӢ ВА ИМЛО (7 соат)

Такрории калима: Реша, пешванд (префикс), пасванд (суффикс), асос ва бандак. Бандаки изофии «и» ва фарқи он пасванди калимасози «ӣ». Бандакҷонишинҳо. Бандакҳои феълӣ, хабарӣ. Калимаҳои ҳамреша табдили овозҳо дар реша. Такрори мавзӯъ. Тарзи таҳлили такрибиби калима.

## САРФ ВА ИМЛО

## ҲИССАҲОИ НУТҚ (1 соат)

Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқ

## ИСМ (12 соат)

Вазифаи исм дар ҷумла. Маънои луғавӣ, хусусиятҳои сарфӣ ва наҳвии исм. Исмҳои ҷондор ва беҷон. Исмҳои хос ва ҷинс. Ҳарфи калон ва нохунак дар исмҳои хос. Имлои исмҳои хос. Исмҳои шахс ва ғайришахс. Исмҳои танҳо ва ҷамъ. Исмҳои муайян ва номуайян. Ифодаи ҷинсият дар исм. Сохти исм. Исмҳои содда, сохта, мураккаб. Исм дар вазифаи мухотаб. Таҳлили сарфии исм. Машқу супоришоти грамматикии мантиқӣ. Такрори мавзӯи исм.

## СИФАТ (9 соат)

Маънои луғавӣ, хусусиятҳои сарфӣ ва наҳвии сифат. Вазифаи сифат дар ҷумла. Хелҳои сифат: сифати аслӣ ва нисбӣ. Дараҷаҳои сифат: дараҷаи оддӣ, қиёсӣ ва олӣ. Сохти сифат. Пасванд ва пешвандҳои сифатсоз. Сифатҳои таъкидӣ, такрор ва тарзи ифодаи онҳо. Ифодаи маънои камӣ ва хурдиву навозиш дар сифат. Усули такрори сифат. Машқу супоришоти грамматикии мантиқӣ. Такрори мавзӯи сифат.

## ФЕЪЛ (12 соат)

Феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ, аломатҳои морфологӣ ва вазифаи феъл дар ҷумла. Вазифаи феъл дар ҷумла. Шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл. Асосҳои феъл. Шахс ва шумора дар феъл. Тасрифи феълҳо бо бандакҳои феълӣ ва хабарӣ. Феълҳои монда ва гузаранда. Феълҳои бевосита ва бавосита. Тарзҳои феъл. Намудҳои мутлақ ва давомдори феъл. Сиғаҳои феъл: хабарӣ ва амрӣ. Сиғаҳои шартӣ-хоҳишмандӣ ва эҳтимолӣ. Замонҳои феъл. Феълҳои замони гузашта, ҳозира ва оянда. Сохти феъл. Ифодаи маънои инкор ва тасдиқ дар феъл. Таҳлили сарфии феъл. Такрорӣ.

## ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ СОЛОНА (4 соат)

Ибора, ҷумла ва фарқи онҳо аз якдигар. Хелҳои ҷумла аз ҷиҳати сохт (хуллас ва тафсилӣ) ва маънӣ (ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ ва амрӣ). Аломатҳои китобатии онҳо ҷумлаҳои содда ва мураккаб, тафовути байни онҳо.

Аъзоҳои ҷумла: сараъзоҳо – (мубтадо ва хабар), аъзоҳои пайрав (пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол).

Ду навъи овозҳои нутқ: садонокҳо ва ҳамсадоҳо. Ҳамсадоҳои ҷарангнок ва беҷаранг. Калимаҳои ҳаммаъно ва зидмаъно. Таҳлили наҳвии ҳиссаҳои нутқ.

## ТАКМИЛИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТӢ (8 соат)

Услубҳои нутқ: маълумоти ибтидоӣ оид ба услуби гуфтугӯӣ ва хаттӣ (китобӣ).

Маълумот дар бораи матн ва сохту таркиби он. Воситаҳое, ки барои алоқаманд намудани ҷумла ва сарсатрҳои матн хизмат мекунанд. Нақшаи матн. Нақшаҳои содда ва мураккаб. Мавзӯи матн фикрҳои асосие, ки дар он баён мешаванд. Гузаронидани нақли хаттӣ аз рӯи навъҳои матн: матни нақлӣ доир ба ягон воқеаи аҷиб, расми суюжетнок, филмҳои бачагон ... Матни тасвирӣ (тасвири манзара, боғ, полиз, қиёфаи одамон ...), матни муҳокима (мувофиқи ягон ҳодиса ва рӯйдодҳои ҳамарӯза, ҳикояи хондашуда. Рафтору кирдори ҳамсинфони худ ...).

Гузаронидани нақлҳои шифоҳӣ аз рӯи мавзӯъҳои мазкур ва монанди онҳо. Дар синф хонондани мақолаҳои шавқовар аз рӯзномаю маҷаллаҳо, асарҳои бадеии назму наср ва таъин намудани нақли зебо ва беғалати онҳо; эътибори ҷиддӣ додан ба оҳанг (интонатсия), интихоби калимаҳои мувофиқ ва тартиб додани ҷумлаҳои равону хуб ҳангоми нақл. Таъмин намудани фаъолиятмандии хонандагон барои ёфтан ва ислоҳ намудани нуқсу иллатҳои забони якдигар дар ҷараёни нақл.

Тарзи навишти забонхат, ариза, табрикнома. Усули навиштани хабар ба рӯзномаҳо. Тариқи навишти мактуб ва пур кардани рӯи лифофа.

**Талабҳои асосӣ оид ба дониш, малака ва маҳорати донишомӯзони синфи V**

Бояд донанд ва тавонанд:

- аз фонетика ва хат: Фонетика чиро меомӯзад. Хелҳои овоз. Муайян кардани овозҳои нутқ. Аломатҳои хат. Муносибати овоз ва ҳарф. Фарқи садонок ва ҳамсадоҳо. Ба ҳиҷо ҷудо кардани калима. Талаффузи дурусти садонок ва ҳамсадоҳо. Мувофиқи меъёри забони адабӣ талаффуз кардани калимаҳо.
- аз орфоэпия: Дуруст талаффуз кардани садонокҳо. Ҳамсадоҳо дар таркиби калима. Номи ҳарфҳои алфавит;
- аз лексика: Лексика чиро меомӯзад? Истифодаи калимаҳо мувофиқи маънои луғавиашон. Шарҳи маънои калимаҳои маъмул. Сермаъноии калима. маънои аслӣ ва маҷозии калима. Интихоби синоним ва антонимҳои мувофиқ ва дар нутқ истифода бурдани онҳо. Кор бо фарҳанги забони тоҷикӣ.
- аз калимасозӣ: Калимасозӣ чиро меомӯзад? Ба асосу бандак ҷудо шудани калима. Шинохтан ва фарқ кардани ҳиссаҳои омӯхташудаи нутқ. Сохтани калимаҳо.
- -аз имло: Қоидаҳои имло. Муайян ва тавсиф кардани орфограмаҳои омӯхташуда ва шарҳи навишти онҳо. Ёфтани пешванд, реша, пасванд ва асосу ададӣ калимаҳо. Маънидоди тарзи дурусти навишти (қоидаи) онҳо. Истифодаи луғати имло. Дарёфти ғалтҳои имлоӣ ( дар кори худ ва талабаи дигар).
- аз синтаксис: Синтаксис чиро меомӯзад? Фарқи ибора аз ҷумла. Муайян кардани ҷузъи асосӣ (калимаи тобеъкунанда) ва ҷузъи тобеъ (калимаи тобеъшаванда)-и ибора. Муайян кардани хелҳои ҷумлаи содда ва мураккаб. Хусусиятҳои сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла. Хусусиятҳои аъзоҳои чидаи ҷумла. Фарқи мубтадо ва мухотаб. Фарқ кардани аъзоҳои ҷумла. Таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои содда ва чидааъзо. Сохтани ҷумлаҳое, ки мухотаб, нутқи айнан нақлшуда ва ё муколама доранд. Дуруст муайян кардани аломати фарққунандаи нутқи айнан нақлшуда ва муколама. Дуруст интихоб кардани калима дар ибора ва ҷумла.
- аз услуб: Услубҳои нутқ ва хусусиятҳои асосии онҳо. Хусусиятҳои матн ва воситаҳои алоқаи қисмҳои он.
- аз пунктуатсия: Мавриди гузошта шудани аломатҳои китобат дар охири ҷумла, дар байни ҷумлаҳои мураккаб, дар нутқи айнан нақлшуда.

## АДАБИЁТ СИНФИ V

**(дар як ҳафта 2 соат. Ҷамъ 68 соат)**

**Дарси аввал — Дарси истиқлол** (1 соат)

Мадҳия — Суруди Миллии Ўзбекистон. Аз ҷониби шоири халқии Ўзбекистон Абдулло Орифов таълиф шудани он. Оҳангсоз Мутал Бурҳонов. ҳар субҳу шом тавассути радио ва телевизион, инчунин дар маросимҳои тантанавӣ иҷро шудани мадҳияи Ўзбекистон. Маълумот дар бораи дигар рамзҳои давлати Ўзбекистон: Герб, Парчам (Байрақ), Конститутсия — Қонуни Асосӣ. Эҳтиром намудани ин рамзҳо. Аз ёд кардани Мадҳияи Давлатӣ - Суруди Миллии Ўзбекистон.

**Маълумот дар бораи асари бадеӣ** (1 соат)

Маълумот дар бораи адабиёт. Аз калимаи арабии *"адаб"* гирифта шуда, маъноҳои *хулқи нек, рафтору кирдори нек, хушодобӣ, соҳиби шарму ҳаё будан* ва ғайраро ифода кардани он. Эҷодиёти даҳонакии халқ ва адабиёти хаттӣ. Санъати сухан будани адабиёти бадеӣ. Асарҳои назмӣ ва насрӣ.

### САВТУ САДОИ СУРУДУ ТАРОНА

**Суруд ва хелҳои он** (3 соат)

Аз қадимтарин шаклҳои назми халқӣ будани суруд. Оҳангнокӣ дар суруд. Сурудҳои мавсимӣ ва маросимӣ. Ийрокунандагони он. Сурудҳои алла ва эътибор ба он дар гузашта ва имрўз. Сурудҳои халқӣ дар бораи шўриши Восеъ.

**Чистон** (2 соат)

Аз ибораи *"чист он?"* гирифта шудани чистон. Оид ба воқеа, ҳодиса, ашёҳои гуногун, инсон, ҳайвонот, олами наботот гуфта шудани чистон. Мавқеи чистон дар васеъ намудани ҷаҳонбинии бачагон. Ба тариқи назму наср гуфта шудани чистон. Чистон-масъала. Чистонҳои халқӣ ва китобӣ.

### ДАР ОЛАМИ АФСОНАҲО

**Афсона — намуди қадимтарини эҷоди бадеӣ** (2 соат)

Маълумот дар бораи афсона ва хусусиятҳои он. Дар афсонаҳо ифода ёфтани олами сеҳрангези инсон, орзую умеди

мардум. Афсонаҳои халқӣ ва китобӣ. Дар афсонаҳои "Чӯбаки сандалвор", "Писари хоркаш", "Савоби нимта нон" ва ғайра тасвир ёфтани орзуву ниятҳои гузаштагони мо дар бораи зиндагии гуворо. Инъикоси муборизаи байни қувваҳои некию бадӣ, равшанию торикӣ дар афсонаҳои халқӣ. Таҷассуми муносибати инсон бо табиат ва олами ҳайвонот дар афсонаҳо.

**Эраҷи тилисмшикан** (2 соат).

Баёни мазмуни афсона. Тасвири қаҳрамонию далерӣ, фидокорию собитқадамии Эраҷ дар афсона. Ғалабаи Эраҷ аз болои девон ҳамчун тантанаи ақлу заковати инсон ва шуҷоату далерии он. Қироати порча аз афсона — қисми дуюми он "Шикасти тилисм".

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи муболиға(1 соат).

***Хониши мустақилона:*** Афсонаҳои "Зани ҳунарманд", "Чӯбаки сандалвор", "Кали зирак", "Писари хоркаш".

**Чингиз Айтматов ва афсонаи "Момогавазни чанбаршох"** (4 соат).

Маълумот дар бораи адиб. Афсонаи "Момогавазни чанбаршох" - порча аз повести "Киштии сафед". Баёни мазмуни афсона. Инъикоси муносибати инсон бо табиат дар афсона. Мазамммати хислатҳои ношоями инсонӣ дар асар. Аҳамияти асар дар тарбияи экологии донишомӯзон. Тавсия намудани хондани повести "Киштии сафед" ба сифати хониши берун аз синф.

**Адаш Истад ва афсонаи ӯ "Овозаи Рустам"** (2 соат).

Маълумот дар бораи адиб. Санъати афсонапардозӣ дар эҷодиёти нависанда. Баёни афсонаи "Овозаи Рустам". ҳикоятҳои Рустам ва бачаҳо. Мубориза бурдани Рустам ба муқобили қувваҳои бадӣ. Ба Рустам мурочиат намудани суғдиён барои аз душман халос кардани онҳо. Муносибати афсона бо зарбулмасали халқӣ.

***Хониши мустақилона:*** Афсонаи "Самарқанд дар куҷост?"

**Нақлу ривоятҳо** (1 соат).

ҳикояти шифоҳии халқӣ будани нақлу ривоятҳо. Дар асоси онҳо қарор доштани образ ва воқеаҳои хаёлӣ. Аз ҷониби гӯянда ва шунаванда ҳақиқӣ шуморида шудани онҳо. Дар нақлу ривоятҳо баён карда шудани сухан аз рӯйдодҳои гузашта, ҳозира ва оянда. Аз ҷиҳати мавзӯъ ба якчанд гурӯҳ ҷудо шудани нақлу ривоятҳо. Ривоятҳо оиди пайғамбарон, шахсони таърихӣ, қаҳрамонҳои асотирӣ, ҷину аҷина, деву парӣ, биҳишту дӯзах, ҳайвонот ва паррандагон. Баёни ривоят дар бораи Хоҷаи Хизр.

**Ривоятҳо оиди Луқмони Ҳаким** (3 соат).

Шахси афсонавӣ буда, ба образи бадеӣ табдил ёфтани Луқмони Ҳаким. Аз рӯи ривоятҳо шахси фозил ва донишманди бузург будани ӯ. Дар байни халқ ҳамчун табиби ҳозиқ шӯҳрат доштани Луқмони Ҳаким ва аз дасти ӯ шифо ёфтани беморони вазнинтарин. Ривоятҳои "ҳикмат омӯхтани Луқмон", "Луқмони Ҳаким дар бораи шинохтани дӯст", "Ривояти шикорчӣ, ду кабӯтар ва Луқмони Ҳаким ". Дар ин ривоятҳо инъикос ёфтани ғалабаи ақлу хирад, донишу ҳунари инсон аз болои хислатҳои бадию бахилӣ ва золимии шоҳони бедодгар. ҳурмату эътибори халқ нисбати Луқмони Ҳаким. Қироати ҳикоятҳои дигар оиди Луқмони Ҳаким.
***Хониши мустақилона:*** "Пандҳои Луқмони Ҳаким ".

**Абӯалӣ ибни Сино ва нақлу ривоятҳо дар бораи вай** (3 соат).

Маълумот дар бораи Абӯалӣ ибни Сино. Саъю кӯшиши вай барои аз худ намудани илмҳои гуногун. Шӯҳрати Сино ва хислатҳои ҷудогонаи вай. Дар онҳо тасвир ёфтани зиракӣ, ҳассосӣ, донишмандӣ, соҳибтадбирӣ барин сифатҳои Ибни Сино. Баёни мазмуни ривоятҳои "Танга дар зери курсӣ", "Бемор, мор ва косаи шир", "Кӯдак ва ангуштарини модар", "Абӯалӣ ва кудунгарони Самарқанд".

***Хониши мустақилона:*** "Аҳмади Сомонӣ ва муаллими ӯ", "Анушервон ва вазири вай", "Анушервони одил ва пири боғдор", "Гурбаи бемор".

**Ҳикояти Фирдавсии Тӯсӣ аз Зайниддин Восифӣ-** (3 соат).

Баёни мазмуни ҳикоят. Аз ҷумлаи ривоятҳои дар бораи шахсони номдору баландмартабаи таърихӣ бофташуда будани он. Дар ривоят оварда шудани воқеаи бо "Шоҳнома" рӯйдода. ҳаҷвияи шоир дар бораи Султон Маҳмуд ва оқибати он. Муносибати ҳикояти мазкур бо тарҷумаи ҳоли Фирдавсӣ. Навиштани кори хаттӣ аз рӯи ҳикоя.

***Назарияи адабиёт:*** Маълумот дар бораи ғояи асари бадеӣ (1 соат).

**ЛУТФИ ЛАТИФ – ГУФТОРИ ЗАРИФ**

**Латифаҳои халқӣ дар бораи Насриддин Афандӣ ва Мулло Мушфиқӣ** (4 соат).

Маълумот дар бораи латифа. Маънии шӯхӣ, мутоиба, сухани бозарофатро ифода намудани латифа. Дар адабиёти даҳонакӣ ва

хаттии тоҷик аз қадим вуҷуд доштани он. Аҳамияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ доштани латифаҳо.

Мулло Мушфиқӣ ва Насриддин Афандӣ ҳамчун қаҳрамонони асосии латифаҳои тоҷикӣ. Баёни латифаҳои "Ин саллаю ҷомаи ман набудааст", "Фақат дар даруни тобут набошед", "Луч гӯронед ҳам майлаш", "Дузд ва Мушфиқӣ".

Қаҳрамони бисёр латифаҳои мардуми Шарқ будани Насриддин Афандӣ. Рангоранг будани мавзӯъ ва мундариҷаи латифаҳо дар бораи Афандӣ. Дар ин латифаҳо тасвир ёфтани доногӣ, ҳозирҷавобӣ ва заковатмандии ӯ. Баёни латифаҳои "Масъала ранги дигар мегирад", "Моҳ манфиатнок аст, ё Офтоб".

Барои хониши мустақилона тавсия намудани латифаҳои халқӣ.

**Ҳикоятҳо аз "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ** (3 соат).

Маълумот дар бораи адиб. Баёни ҳикоятҳо аз "Рисолаи дилкушо". Ба латифаҳои халқӣ монанд будани онҳо. Дар ин ҳикоятҳо танқид ва ё ҳаҷв карда шудани унсурҳои ношоёни аъзоёни ҷамъият. Кор бо луғат.

**Абдусалом Деҳотӣ — ҷамъкунандаи латифаҳои халқӣ** (3 соат).

Маълумот дар бораи Абдусалом Деҳотӣ. Латифаҳои халқӣ аз ҷумла, мардуми Самарқандро ҷамъ кардани вай. Баёни латифаҳои "Хайрият, ки шутур ба бомат набаромадааст...", "Ёқубаком калонмӣ, губур?", "Не-е хобашон бурдагист!", "Равғанхарии ширинӣ". Қаҳрамонони ин латифаҳо ва хислатҳои хандаовари онҳо.

Барои хониши мустақилона фармудани дигар латифаҳои халқӣ.

**САЁҲАТ БА ОЛАМИ АХЛОҚУ ОДОБ**

**Зарбулмасал ва мақолҳо — дурдонаҳои панду ҳикмат** (2 соат).

Хусусиятҳои асосии зарбулмасал ва мақолҳо. Дар зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ инъикос ёфтани ақлу заковати инсонӣ ва тарзи тафаккури онҳо. Бо ибораҳои рехта ва хеле мӯъҷаз ифодаёбии онҳо. Ба сухани гӯянда обу ранги бадеӣ бахшидани зарбулмасалу мақолҳо ва мавқеи онҳо дар ифодаи фикру ахлоқи гӯянда. Мавқеи зарбулмасалу мақолҳо дар асарҳои бадеӣ. Аҳамияти зарбулмасал ва мақолҳо дар тарбияи рӯҳӣ-маънавии инсон. Маънидод намудани якчанд зарбулмасал ва мақолҳо.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи маҷоз (1 соат).

**Зарбулмасал ва мақолҳо дар ҳикоёт ва тамсилот** (3 соат).

Мутолиа, маънидод ва дарёфт кардани зарбулмасалу мақолҳо дар ҳикоёти "Зоғ ва Кабк", "Ба сухан аблаҳ мегиранд...", "Бе пир марав...", "Дурӯғи маслиҳатомез...", "Душмани доно...", "Тухмдузд — шутурдузд мешавад". Ташкили кори хаттӣ дар доираи мавзӯъ.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи тамсил (1 соат)

**Панду андарзҳо** (3 соат).

Панду андарзҳо ҷузъи муҳими афкори панду ахлоқӣ. Аҳамияти панду андарзҳо дар ташаккули шахсият ва маънавияти инсон. Муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва ҷамъиятии одамонро фаро гирифтани панду андарзҳо ва ба тарбияи инсони комил нигоронида шудани онҳо. Дар адабиёти тоҷик решаи қадимӣ доштани осори панду андарз. Дар онҳо тарғиб ёфтани ахлоқи нек ва коҳиш намудани ахлоқи бад. Мутолиа ва маънидод кардани як қатор панду андарзҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ.

Барои мутолиа ва ҳифз кардан супоридани якчанд панду ҳикматҳо.

**"Пирӯзинома" - маҷмӯи панду андарзҳо** (3 соат).

Маълумот дар бораи "Пирӯзинома"-и Ибни Сино. ҳамчун маҷмӯи панду андарзҳо бо супориши подшоҳи Сосониён Хусрави Анушервон аз тарафи вазири ӯ Бузургмеҳр офарида шудани он ва бо номи "Андарзи Хусрави Анӯшервон" шӯҳрат ёфтани асар. Назар ба маъумотҳо аз ҷониби Ибни Сино аз забони паҳлавӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудани он. Ба тарзи саволу ҷавоб иншо гардидани асар. Дар "Пирӯзинома" тарғиб гардидани зарурати илму ҳунаромӯзӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ. Мазаммат гардидани хислатҳои бад.

Мутолиаи асар. Маънидод кардани порчаҳои ҷудагонаи он. Кор бо луғат. ҳифз кардани порчаҳо аз асар.

**Носири Хусрав ва тамсили ӯ "Уқоб"** (3 соат).

Маълумот дар бораи адиб. Қироат ва маънидоди шеъри "Уқоб". Шарҳи калимаҳои душворфаҳми шеър аз рӯи фарҳанг. Ба наср баргардонидани шеър ва муайян кардани зарбулмасал дар он.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи вазни ҳиҷо ва арӯз (1 соат).

**Абдураҳмони Ҷомӣ ва панду ҳикматҳои ӯ** (3 соат).

Маълумот дар бораи адиб. Мавқеи панду ҳикматҳо дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ. Мавзӯъ ва мундариҷаи онҳо. Панду

ҳикматҳои Ҷомӣ дар таърифи сухан, китоб, мактаб, дониш, хушхатӣ ва дигар унсурҳои маърифати инсонӣ.

***Хониши мустақилона:*** ҳикоятҳо аз "Баҳористон". Аз ёд намудани панду ҳикматҳои адиб.

**Ҳикояти касби адаб кардани Беҳрӯз аз маснавии "Беҳрӯзу Баҳром"-и Камолиддин Биноӣ** (3 соат).

Маълумот дар бораи Камолиддин Биноӣ ва достони ӯ "Беҳрӯзу Баҳром". Мутолиа ва баёни ҳикоят аз достон. Дар ҳафтсолагӣ ба мактаб рафтани Беҳрӯз ва майли хониш кардани ӯ. Баъд сӯи мадраса (мактаби олӣ) рафта, тамоми илмҳои замонаро аз худ кардани вай, таърифи китоб ва китобдӯстӣ дар ҳикояти овардашуда. Нақлу ҷавоби писари баққол ва подшоҳ.

Ба наср баргардонидани ҳикоят ва ҳифз намудани порчае аз он.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи қофия ва радиф (1 соат).

**Китобҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ — асарҳои панду ахлоқӣ** (3 соат).

Маълумот дар бораи Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Инъикос ёфтани ақлу заковати ӯ дар китобҳои "Ахлоқи Мӯҳсинӣ", "Анвори Суҳайлӣ", "Асрори Қосимӣ", "Оинаи Сикандарӣ». Дар асоси "Калила ва Димна" ном афсонаи қадимаи ҳинд навишта шудани "Анвори Суҳайлӣ". Дар тамсил ва ҳикоятҳои гуногун тасвир шудани ахлоқи неки инсонӣ. Баёни ҳикоятҳои "Оқибати ҳасуд", "Марди сайёҳ" Таърифи ҳалолӣ, поктинатӣ дар ҳикояҳо.
Кор бо луғат. Ташкили кори мустақилона.

**Муҳаммад Авфии Бухороӣ ва "Ҷомеъ-ул-ҳикоёт"-и вай** (3 соат).

Маълумот дар бораи адиб. "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" — маҷмӯаи ҳикоятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ. Инъикоси хислатҳои гуногуни инсонӣ дар ҳикоятҳои маҷмӯа. Баёни ҳикояти "Заргар ва Наҷҷор". Дуздидани Заргар ва Наҷҷор бутро. Фиреб додани Заргар Наҷҷорро. Дар ҳикоят инъикос ёфтани хиёнат ба дӯстӣ.

Кор бо луғат. Ташкили кори мустақилона аз рӯи матн.

## ИМОН ВА ЭЪТИҚОД

**Ҳадис** (2 соат)

Маълумот дар бораи Исмоили Бухороӣ ва илми ҳадис. Дар асари Исмоили Бухороӣ "Ал-адаб - ал муфрад" ("Дурдонаҳои адаб") ҷамъ оварда шудани ҳадисҳои Муҳаммад (с.а.с.) пайғамбар. Дар ҳадисҳо ба тарзи ҳикоятҳои мӯъҷази воқеӣ ифода ёфтани

зарурияти нигоҳ доштани ҳурмати падару модар, раҳму шафқат ва некию накўкорӣ ба мардум, соҳиби имону эътиқод будан, нигоҳ доштани ҳисси меҳру садоқат ба дўстон ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ. Пос доштани хотираи Исмоили Бухорой ва эҳтиром нисбат ба ў дар замони мо. Бунёди мақбараи Исмоили Бухорой дар Самарқанд ва зиёратгоҳи оламиён гардидани он.

**"Чаҳор китоб" — махзани имону эътиқод** (3 соат).

Имон ва эътиқод ҳамчун арзишҳои миллӣ. Шўҳрати "Чаҳор китоб" дар байни мардуми Мовароуннаҳру Хуросон ҳамчун китоби дуюм баъди "Қуръони Карим". Асосҳои шариатро ба тариқи мўъҷазу дилпазир дар чаҳор қисми алоҳида фаро гирифтани он. Дар "Чаҳор китоб" инъикос ёфтани афкори динӣ, илмӣ, бадеӣ ва фарҳангии мардуми мо. Як намунаи пандномаи басо ҷолиби назмию насрӣ будани ин асар. Аҳамияти китоб дар ташаккули маънавият ва маърифати хонандагон. Қироат ва маънидоди порчаҳо аз фасли "Дар баёни маърифати имон", "Панду ҳикматҳо". Ҳифз намудани порчаҳои шеърии асар. Кор бо луғат.

**Шугунҳо** (1 соат).

Мактаби бузург будани таҷрибаи рўзгор. ҳамчун панду ҳикмат ва зарбулмасалу мақолҳо дар байни мардум мавқеъ пайдо кардани шугунҳо. Дар шугунҳо инъикос ёфтани ҷузъҳои Ҳаёт, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, эҳтироми анъанаҳои ниёгон. Ба вуҷуд омадани шугунҳо вобаста бу урфу одат ва арзишҳои миллӣ. Мутолиаи шугунҳои дар китоби дарсӣ овардашуда. Мутобиқати шугунҳо бо Ҳаёт дар замони мо.

Ҳифз намудани шугунҳо. Навишта гирифтани шугунҳо аз калонсолон.

**БИҲИШТ — ЗЕРИ ҚАДАМИ МОДАРОН**

**Эраҷ Мирзо ва "Модарнома"-и вай.** (3 соат).

Инъикоси муҳаббати модар ба фарзанд дар шеърҳои "Модар", "Муҳаббати модар", "Дили модар". Қироати ин шеърҳо. Аҳамияти ин шеърҳо дар тарбияи донишомўзон нисбати пос доштани меҳри модар.

Ҳифз кардани шеъри "Модар".

**Лоиқ Шералӣ ва шеърҳои ба модар бахшидаи ў** (3 соат).

Маълумот дар бораи Ҳаёт ва эҷодиёти шоир. Қироати шеъри "Насиҳати модар". Баёни мазмуни шеър. Ифоданок хондани шеъри "Ту монанди замин танҳой, модар!". Моҳияти шеърҳои дар таърифи модар навиштаи Лоиқ.

ҳифз намудани шеърҳои ба модар бахшида.

## ТО ТАВОНӢ ДӮСТОНРО ГУМ МАКУН

**Дӯстии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ – дӯстии беҳамто** (3 соат).

Аҳамияти дӯстӣ дар Ҳаёти инсон ва ҷамъият. Мавқеи дӯстӣ ва садоқат дар шароити истиқлоли миллӣ. Дӯстии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ. Муносибатҳои устоду шогирдона байни ду адиби мумтоз. Самараҳои бузурги ин дӯстӣ дар ривоҷу равнақи илму фан ва санъату адабиёт. Мавзӯъ ва мундариҷаи асари Алишер Навоӣ "Хамсат-ут-мутаҳаййирин". Мутолиаи ҳикоятҳо аз ин асар. Баёни "Ёддошти Восифӣ дар бораи ҳамсӯҳбат шудани Қозизодаи Сиистон бо Навоӣ ва Ҷомӣ».
Кор бо луғат.
***Хониши мустақилона:*** Марсияи Навоӣ ба вафоти Ҷомӣ.

**Дар оини дӯст гирифтан** (2 соат).

Маълумот дар бораи Унсурулмаолии Кайковус ва асари ӯ "Насиҳатнома". ҳамчун "Қобуснома" шӯҳрат доштани ин асар. Мутолиа ва маънидоди боби "Дар оини дӯст гирифтан". Таҳлили ҳикоятҳои ба дӯстӣ бахшидашудаи асар ва аҳамияти он дар Ҳаёти имрӯза.

**Талқини моҳияти дӯстӣ дар шеъри Саъдии Шерозӣ "Гили хушбӯй"** (3 соат)

Маълумот дар бораи Саъдии Шерозӣ ва эҷодиёти ӯ. Қироати шеъри "Гили хушбӯй". Дар шеър маҷозан тавсиф шудани дӯстиву рафоқат бо одамони хуб.
Ҳифз кардани шеър. Кор бо луғат.

**Таърифи дӯстӣ дар ҳикояи Болта Ортиқов "Нони Самарқанд"** (2 соат).

Маълумот дар бораи Болта Ортиқов ва китобҳои барои бачаҳо навиштаи вай. Баёни ҳикояи "Нони Самарқанд" бо такмилу таҳрир дохил шудани ин ҳикоя дар "Достони Самарқанд". Дар ҳикоя тасвир ёфтани қадри нони Самарқанд пайваста бо дӯстиву рафоқат. Иззату икроми меҳмон нишонаи ахлоқи хуб. ҳабиба духтари меҳнатдӯст. Ба туфайли дӯстӣ бо Қосим боз ҳам шӯҳрат ёфтани нону нонвои Самарқанд.

Навиштани кори хаттӣ дар асоси матни ҳикоя.

***Хониши мустақилона:*** манзумаи Барот Бойқобилов "Меҳрнома".

## АСРОРИ ОЛАМИ БАЧАГӢ

### **Убайд Раҷаб — шоири бачагон** (3 соат).

Маълумот дар бораи адиб. Мавзўъ ва мундариҷаи шеърҳои Убайд Раҷаб. Тасвири одамони меҳнативу ҳунарманд дар шеърҳои адиб. Мувофиқи хусусиятҳои синну соли бачагон навишта шудани шеърҳои Убайд Раҷаб. Қироати шеърҳои "Модарам", "Нони гарм". Дар ин шеърҳо ифода ёфтани эҳсосоти бачагон.
ҳифз кардани шеърҳои Убайд Раҷаб.

### **Хислатҳои бачагон дар қиссаи Аминҷон Шукӯҳӣ "Об аз куҷо меояд?"** (2 соат).

Маълумот дар бораи Аминҷон Шукӯҳӣ. Офаридани хислатҳои бачагон дар қиссаҳои "Об аз куҷо меояд?", "Асаду Самад", "Боғи шакарханд". Тасвири меҳнатдўстӣ, руҷўи бачаҳо ба илму дониш дар асарҳои адиб. Баёни порчаи "Моҳи Асад" аз қиссаи "Об аз куҷо меояд?". Муносибати Асаду Самад ба табиат. Аҳамияти қисса дар тарбияи экологии бачагон.
Ташкили кори мустақилона.
***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи портрети асари бадеӣ (1 соат).

### **Саргузашти бачаи шум дар қиссаи Ғафур Ғулом.** (2 соат).

Маълумот дар бораи Ғафур Ғулом ва асари вай "Бачаи шум". Баёни порча аз асар. То андозае характери ҳасбиҳолӣ доштани қисса. Тасвири Ҳаёти бачагон ва муносибати онҳо нисбат ба шахсони золим дар асар. Бебақо будани дурўғгўӣ ва зарари он. Лаҳзаҳои хандаовари асар.
***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи характери бадеӣ (1 соат).
***Хониши мустақилона:*** Тавсия намудани мутолиаи қисса ҳамчун маводи хониши берун аз синф.

## ДАР ОҒЎШИ ТАБИАТ

### **Эъзози табиат - кори ҳама.**— (2 соат).

Баёни мазмуни ҳикояи «Кадом ҷонваронро медонед?» аз китоби "Мурғони сухангў". Муносибати Салиму ҳалим ба олами паррандагон. Бо Бобои Камол назди паррандашинос рафтани онҳо. Аз вай донистани номи як қатор паррандаҳо ва хусусияти онҳо. Вазифаи ҳар як хурду калон будани эҳтийт намудани паррандагони ноёб. Дар боғу дашту кўҳҳои диёрамон мавчуд будани олами нотакрори набототу ҳайвонот ва ҷонварони нодир. Дўсти одамизод будани паррандаҳо.

***Кори мустақилона:*** мутолиаи матн, навиштани кори хаттӣ оиди табиати диёр.

Саёҳат бо ҳамроҳии омӯзгорони таърих, ҷуғрофия, биология ба мавзеъҳои гуногуни диёр - ба оғӯши табиат.

Робитаи байни фанҳо (вобаста ба ҳамаи мавзӯъҳо). Забони тоҷикӣ: маълумот дар бораи мубтадо ва хабар, инчунин дигар аъзоҳои пайрави ҷумла; маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо. Таърих: оиди таърихи халқҳои Ӯзбекистон; солномаи истиқлоли Ӯзбекистон. Мусиқӣ: Мадҳияи Давлатии Ӯзбекистон. Биология ва экология: ҳифзи табиати диёр, олами наботот ва ҳайвоноти он.

***Ҷамъи соатҳо:***

Барои омӯзиши асарҳо — 82 соат.
Барои инкишофи нутқи мураттаби хаттӣ ва даҳонӣ — 12 соат.
Барои хониши берун аз синф ва сӯҳбат оиди асарҳои мустақил мутолиашуда — 4 соат.
Такрор — 4 соат.

**Матнҳо барои аз ёд кардан:**

Сурудҳо (мувофиқи интихоби муаллим).
Зарбулмасал ва мақолҳо (интихобан).
Панду ҳикматҳо аз "Чаҳор китоб" ва шоирони мумтоз.
Чистонҳо (интихобан).
Абӯабдулло Рӯдакӣ. То ҷаҳон буд аз сари одам фароз.
Абӯшакури Балхӣ. Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ.
Ҳофизи Шерозӣ. Дарахти дӯстӣ биншон.
Эраҷ Мирзо. Модар.
Садриддин Айнӣ. Саҳаргоҳон.
Лоиқ. Модар.
Ҷонибек Қувноқ. Ман Ватан дорам.
Салим Кенча. Фарзанд.
Акбар Пирӯзӣ. Нони осиё.
Паймон. Забони барқу борон.
Абдулло Субҳон. Наврӯзӣ.

**Асарҳо барои хониши берун аз синф:**

Афсонаҳои халқии тоҷик.
Бародарон Гримм. Афсонаҳо.
Чингиз Айтматов. Киштии сафед.
Адаш Истад. Чароғи сеҳрнок.
Аминҷон Шукӯҳӣ. Об аз куҷо меояд.
Таронаҳои Самарқанд.
Фолклори Бухоро.
Болта Ортиқов. Бачаҳои Лолазор.
Убайд Раҷаб. Хӯшаи гандум.

Ғафур Ғулом. Бачаи шум.
Аслиддин Қамарзода. Гулистони адаб.

## Талаботи асосӣ ба дониш ва маҳорати донишомӯзони синфи панҷум

***Донишомӯзон бояд донанд:***
муаллиф ва асари хондашуда;
мазмуни мухтасар ё сужети умумӣ, инчунин қаҳрамонони асосии асари хондащуда;
рафти ҳодисаю воқеаҳои муҳим, лаҳзаҳои асосии асари бадеӣ;
мафҳумҳои муболиға, назм, наср, мисраъ, байт, қофия, радиф, муколима (диалог) ва ғайра;
хусусиятҳои асосии жанрҳои эҷодиёти шифоҳии халқ: афсона, суруд, чистон, зарбулмасал, мақол.

***Донишомӯзон бояд тавонанд:***
дуруст, бурро ва тез хондани асари бадеӣ (суръати хониш дар як дақиқа аз 100—110 калима кам набошад);
аз асари хондашуда лаҳзаҳои асосиро дар мавридҳои даркорӣ ёфта тавонистан;
муфассал нақл карда тавонистани лаҳзаҳои асари хондашуда;
алоқаманд ё барқарор карда тавонистани ҳодисаю воқеаҳои асари хондашуда бо вақту ҳодисаҳои имрӯза;
фарқ карда тавонистани афсонаи халқӣ ва афсонаи китобӣ;
дар матни мазкур муайян кардан ва фаҳмонида тавонистани мавқеи муболиға;
донистан ва аз асар пайдо кардани муколама (диалог);
аз саволу супоришҳои китоб дуруст истифода бурда тавонистан.

## Тарзи корҳои хаттӣ ва даҳонӣ, санҷиш бо усули тест аз адабиёт барои синфи панҷум

- Хониши дурусту ифоданоки матн.
- Аз ёд кардани матнҳои алоҳида ва ифоданок хондани онҳо.
- Тартиб додани нақшаи соддаи асари бадеӣ.
- Нақли матнҳо бо тартиби муайян: хаттӣ ва даҳонӣ.
- Мухтасар нақл карда тавонистани асари эпикии характери ҳикоятӣ дошта.
- Аз рӯи асари хондашуда ба қаҳрамони асосии асар баён кардани характеристикаи хаттӣ ва даҳонӣ.
- Дуруст ҷавоб дода тавонистан ба саволҳои тест, ки аз рӯи мавзӯъҳои муайян тартиб дода шудаанд.
- Дар шароити мавчуд будани компутер ба дастури он дохил карда тавонистани саволу ҷавобҳои санҷиши тест аз рӯи мавзӯъҳои гузашта.